*ТДУ 372.874*
*DOI 10.51844-2077-4990-2023-3-103-108*

# *АҲАМИЯТИ ФАНҲОИ ТАХАССУСӢ ДАР ТАЙЁР КАРДАНИ МУАЛЛИМИ ОЯНДАИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ*

***Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич**, н.и.п., дотсенти кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ЗНАЧЕНИЕ ПРОФИЛЬНЫХ ПРЕДМЕТОВ В ПОДГОТОВКЕ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ ИЗОБРАЗИЕЛЬНОГО ИСКУССТВА*

***Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич,** к.п.н., доцент кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE VALUE OF SPECIALIZED DICIPLINES IN THE PREPARATION OF A FUTURE TEACHER OF FINE ARTS*

***Mirzaboev Zikrillo Ziyodulloevich,** candidate of pedagogical sciences, assistant professor of technology and methods of teaching department of SEI "KSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** zikrillo.mirzoboev@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** санъати тасвирӣ, рассом, тарбия, педагог, метод, тахайюли эҷодӣ, инкишоф, шуур, осорхона, экскурсия, идроки зебоипарастӣ, қобилият, маҳорати касбӣ*

*Дар мақола масъалаи мавқеи масъалаи мавқеи фанҳои тахассусӣ барои дар сатҳи матлуб омода намудани омӯзгорониояндаи санъати тасвирӣ. Барраси шудааст, зикр шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии таълими расмкашӣ, наққошӣ ва композитсия дар блоки фанҳои касбӣ дар барномаи таълимӣ ташкили эҷодиёти мустақилонаи донишҷӯён яке аз вазифаҳои муҳим мебошад, ки бо санаду далелҳои ҷиддӣ тасдиқ шудааст. Масъалаи ташаккули маҳорати эҷодии омӯзгорониояндаи санъати тасвирӣ тавассути фанҳои тахассусӣ яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти олӣ маҳсуб меёбад ва равишҳои татбиқи онҳо нишон дода шудааст. Муаллиф аҳамияти дарсҳои тахассусиро, ки ба талабагон асосҳои тасвирро омӯзонида фаъолияти эҷодии онҳоро ҳамаҷониба такомул медиҳад, ба фаҳмидан ва эҳсос кардани зебоии табиат ва санъат ёрӣ мерасонад ва муносибати эстетикии талабагонро нисбат ба ҳодисоти муҳити атроф ташаккул медиҳад, баён доштааст. Масъалаи тайёр намудани мухатассисони баланихтисос яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад, ки бо далелҳо нишон дода шудааст. Нақшаҳои таълимии факултетҳо ва кафедраҳое, ки педагогҳои соҳаи санъати тасвирӣ ва накшакашӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тайёр мекунанд, сохтори блоки фанхои касбӣ ва методикаи таълими фанҳоро таҳлил карда шудааст. Дар самаранок ташкил кардани дарсҳои тахассусӣ услубҳои гуногун истифода бурда шудааст. Роҳҳои ташаккули фаъолияти эҷодии шахсияти омӯзгори санъати тасвирӣ, инчунин таҷрибаи ҳалли амалии ин мушкилот дар донишгоҳҳои педагогӣ баррасӣ гардидааст.*

***Ключевые слова:** изобразительное искусство, художник, образование, педагог, метод, творческое воображение, развитие, сознание, музей, экскурсия, восприятие красоты, умение, возрождение, педагог, культура, профессиональное мастерство*

*В статье рассматриваются вопросы подготовки будущих учителей изобразительного искусства как конкурентоспособных кадров на уровне мирового спроса, повышения эффективности обучения рисунку, живописи и композиции в блоке профессиональных предметов учебной программы, организации самостоятельного творчества студентов, что является одной из важных задач. Освещается вопрос развития творческих способностей будущих учителей изобразительного искусства через профильные предметы, что представляет собой важнейшее направление реформирования высших учебных заведений, показаны подходы к их реализации. Автор разъяснил важность специализированных занятий, которые обучают учащихся основам живописи и совершенствуют их творческую активность, помогают понять и почувствовать красоту природы и искусства, формируют эстетическое отношение учащихся к экологическим явлениям. Вопрос подготовки высококвалифицированных специалистов считается одним из важнейших направлений реформирования общеобразовательных учреждений, о чем свидетельствуют факты. Проанализированы учебные планы факультетов и кафедр, подготовленные педагогами в области изобразительного искусства и дизайна для общеобразовательных учреждений, структура блока профессиональных предметов и методика преподавания предметов. В эффективной организации специализированных занятий использовались различные методы. Обсуждаются пути формирования творческой активности*

*личности учителя рисования, а также опыт практического решения этой проблемы в педагогических вузах.*

***Key words:*** *visual arts, artist, education, teacher, method, creative imagination, development, consciousness, museum, excursion, perception of beauty, skill, professional skills*

*The article deals with the study to increase the effectiveness of teaching drawing, painting and composition in the block of professional subjects of the curriculum, organizing independent creativity of students is one of the important tasks, which is confirmed by serious documents and evidence in order to prepare future teachers of fine arts as competitive personnel at the level of world demand,. The issue of developing the creative abilities of future teachers of fine arts through specialized subjects as one of the most important areas of reforming higher educational institutions is considered, approaches to their implementation are shown. The author explained the importance of specialized classes that teach students the basics of painting and improve their creative activity, help to understand and feel the beauty of nature and art, form students' aesthetic attitude to environmental phenomena. The issue of training highly qualified specialists is considered one of the most important areas of reforming educational institutions, as evidenced by the facts. The curricula of faculties and departments prepared by teachers in the field of fine arts and design for educational institutions, the structure of the block of professional subjects and the methodology of teaching subjects are analyzed. In the effective organization of specialized classes, various methods were used. The ways of forming the creative activity of the personality of a drawing teacher are discussed, as well as the experience of practical solution of this problem in pedagogical universities.*

Низоми самарабахши маориф яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувор ва пешрафти иқтисодиёт ва ҷомеаи ҳамаи кишварҳо, аз он ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рушди ҷомеаи муосир мушкилоти наверо ба миён меорад ва устувории низоми миллии маорифро мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Марҳалаи ҳозираи тараққиёти низоми маълумоти олӣ дар ҷумҳурии мо нисбат ба мазмуни таълим ва баланд бардоштани самаранокии методикаи он талаботи сифатан навро ба миён мегузорад.

Солҳои охир консепсияҳои нави таълим дар муассисаҳои олии таҳсилот моделҳои нави омодакунии мутахассисонро дар соҳаи маълумоти олии бадеӣ-педагогӣ арзи вуҷуд карданд, ки ба технологияҳои навин, таҷдиди назар ба мундариҷа ва мазмуни барномаҳои нави таълимӣ вобастаанд. Имрӯз яке аз омилҳои муҳим дарки масоили ташаккули маҳорати эҷодии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои дидактикии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ ҷиҳати таъмин ва такмили технологияи маҳорати касбию педагогӣ, рушди эҷодкорӣ, азхудкунии фаъолияти навоваронаи репродуктивӣ, пурмаҳсулӣ ва эҷодкорӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад.

Оид ба такмили асосҳои методологӣ ва илмию методии рушди маҳорати касбӣ ва педагогии омӯзгорони оянда дар шароити муосир, таҳияи моделҳои системавии таълими интегративии касбӣ ва баҳодиҳии объективӣ натиҷаҳо дар марказҳои пешбари илмии ҷаҳон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла Донишгоҳи Принстон (ИМА), Донишгоҳи омӯзгории Белфилд (Олмон), Маслиҳати миллӣ оид ба технологияи педагогӣ (Англия), Институти миллии тайёр кардан ва тадқиқоти муаллимони техникӣ (Ҳиндустон), Донишгоҳи муқаррарии Шэнси (Чин), Академияи маорифи Русия, Украина, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва ғайра дар марказҳои илмӣ тадқиқотҳои судманд анҷом дода истодаанд.

Б.Неменский қайд мекунад, ки: “Санъат ҳамчун фарҳанг муносибат ба тамоми зуҳуроти ҳаётро фаро мегирад ва ба воситаи он маҳаки ахлоқӣ-зебоипарастӣ, ҳиссӣ-арзишии ҷомеа зухур менамояд”[4,с.82].

“Сарчашмаи доимии корҳои тарбиявӣ – дунёи санъат мебошад”, - таъкид мекунад муҳаққиқ И.П.Подласий [6,с.170].

Санъати тасвирӣ дар ҳама давру замон инъикоскунандаи фарҳанг ва маданияти мардум ба ҳисоб рафта, дар ҷамъият ва тарбияи зебоишиносӣ халқ накши муҳимеро мебозад. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши санъати тасвирӣ инкишофи сатҳи маърифат ва ба зебопарастӣ омода кардани талабагон мебошад. Дарси санъати тасвирӣ ба талабагон асосҳои тасвирро меомӯзонад, фаъолияти эҷодии онҳоро ҳамаҷониба такомул медиҳад, ба фаҳмидан ва эҳсос кардани зебоии табиат ва санъат кӯмак мекунад, муносибати эстетикии бачаҳоро нисбат ба ҳодисоти муҳити атроф ташаккул медиҳад [1, с.10].

Аз рӯйи муаммоҳои гуногуни тайёрии касбӣ-педагогии омӯзгорони санъати тасвирӣ аз олимони Тоҷикистон О.А.Исломов, М.Дадобоева, М.Қодирова, М. Ашӯров, З.З.Мирзобоев, Ш.Бобоева тадқиқот анҷом додаанд, ки оид ба эҷодкорӣ дар таълим, рушди нерӯи касбии педагогҳо, масъалаҳои салоҳият, камолоти касбии педагогӣ, назария ва самтҳои амалии ташаккул ва рушди малакаҳои истифодаи воситаҳои нармафзори педагогӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

Дар замони муосир, ки дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеаи мо, махсусан дар соҳаи таҳсилоти олии педагогӣ ба вуҷуд омада истодаанд, ба масъалаи тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси муаллимони оянда, масъалаи омодасозии кадрҳое ба миён меояд, ки дар ҷомеа ва ҳаёт мавқеи худро пайдо карда, дар фазои бисёрфарҳангӣ равияи мустақилро интихоб карда тавонанд. Асри рушди зеҳнӣ эътироф гардидани асри XXI маънои онро дорад, ки тарбияи ҷавонон дар заминаи илмию методӣ, фановариҳои муосири омӯзишӣ дар таълим яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба шумор меравад. Солҳои охир дар бобати тайёр кардани рассом-педагогҳои оянда, баланд бардоштани сифат ва самараи дониш ва маҳорати кадрҳои касбӣ корҳои мушаххас анҷом ёфта истодаанд. Махсусан, ба ташаккули сифатҳои мустақилӣ, эҷодкорӣ, фаъолнокии мутахассисони соҳибмаълумот диққати хоса дода мешавад. Ҳамзамон, як қатор сабаби дигареро метавон дод, ки дар дигаргуниҳои таълими санъати тасвирӣ таъсир мерасонанд, онҳо омили замон ва вақт, яъне низоми ислоҳот, ки роҳҳои рушди дурнаморо инъикос мекунанд, дарбар мегиранд. Мактабҳои рассомие, ки дар услуби муосир сохта ва ба истифода дода шудаанд, тақозо менамояд, ки  манфиатҳои ҳуқуқии онҳоро ҳимоя намоем. Муаммое пайдо мешавад, ки ба стандартҳои давлатӣ, асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ, нақшаи таълим, дастурҳои таълимӣ дар асоси талаботи замон илова ва дигаргуниҳо ворид намоем.

Дар баробари ин, навсозии мазмуни таълими бадеӣ дар мактабҳои олии омӯзгорӣ, баланд бардоштани самаранокии он омӯзиши таҷрибаи касбии педагогии кишварҳои пешрафтаро тақозо мекунад. Дар мактабҳои рассоме, ки ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд, раванди таълим дар асоси Стандартҳои давлатии таълим, дар асоси нақшаи таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ, ки бо назардошти рушди истиқболи оянда таҳия шудаанд, ба роҳ монда шудааст. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки имрӯз дар назди муассисаи таҳсилоти олӣ қарор дорад, омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир ва рақобатпазир дар бозори меҳнат мебошад. Барои ин муаллими маълумоти олӣ, ки бевосита ин мутахассисро тайёр мекунад, бояд кадри рақобатпазир бошад.

Вазифаи ба воя расондани хонандагони аз ҷиҳати бадеӣ салоҳиятнок дар мактабҳои маълумоти умумӣ ва мактабхои махсуси рассомие, ки намунаҳои санъати ҷаҳонӣ ва миллиро идрок ва баҳо дода метавонанд, қисмҳои тарбиявию ташкилии ҷараёни тайёр кардани муаллими санъати тасвириро муайян мекунад.

Намудҳои дарс, асосан, ба таъмин намудани фаъолнокии тафаккури шогирдон дар дарсҳои санъати тасвирӣ равона карда шуда, хонандагонро бо роҳу усулҳои гуногуни таълим шинос менамояд [2, с.4].

Имрӯз ҳангоми таҳлили нақшаҳои таълимии факултет ва кафедраҳое, ки омӯзгорони санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тайёр мекунанд, сохтори фанҳои тахассусӣ ва методикаи таълими фанҳоро таҳлил кардан зарур аст. Ҳангоми такмил додани ҷараёни таълим ба назар гирифтан лозим аст, ки фанҳои дар нақшаҳои мавҷудаи таълимӣ мавҷуда ба таври ғайримувозинатӣ тартиб дода шудаанд:

Якум, ба фанни санъати тасвирӣ соатҳои кифоя ҷудо карда нашудааст.

Дуюм, супоришҳои инфиродӣ ва мустақилона аз фанҳои нақшакашӣ ва геометрияи тасвирӣ вақти зиёдро талаб карда, вақти додашуда ба талаботи стандарт ҷавоб дода наметавонад. Ин имкон намедиҳад, ки донишҷӯён худ мустақилона эҷод кунанд.

Сеюм, барои кори инфиродӣ дар тайёр кардани мутахассисони санъати тасвирӣ дар тамоми ҷаҳон ба зергурӯҳҳои академӣ тақсим карда таълим медиҳанд. Шумораи талабагони ин зергурӯҳ 5—8 нафарро ташкил медиҳанд. Ҳоло дар шуъбаҳое, ки мутахассисониояндаи санъати тасвирии мамлакатамонро тайёр мекунанд, як гурӯҳи академӣ аз 20 то 28 нафар донишҷӯ иборат аст.

Чаҳорум, бахши перспективии фанни геометрияи тасвирӣ дар модули фанҳои умумикасбӣ бояд ҳамчун манбаи мусаввирӣ ва композитсия дар тайёр кардани муаллими санъати тасвирӣ ва манбаи ёрирасон барои амиқ азхудкунӣ хизмат кунад. Агар геометрияи тасвирӣ барои

ташаккули тасаввуроти фазоии талабагон кӯмак кунад, перспективаро ба таври амалӣ ҳамчун сохтани шаклҳои перспективӣ, дурнамои хаттӣ ва ҳавоиро дар фаъолияти тасвирӣ омӯзондан лозим аст. Ҳамчунин ин фанҳо бояд дар тахтаи синф амалӣ нишон дода шаванд, на бо истифода аз барномаҳои гуногуни технологияи компютерӣ, ҷадвал, сиркул ва дигар асбобҳои таълимӣ. Яке аз олимони шинохтаи тоҷик Саидмаҳмад Олов чунин мешуморанд: "Перспектива грамматикаи санъати тасвирӣ ба ҳисоб меравад. Дар амалиёти муҳандисӣ ин намуди тасвирсозӣ хеле васеъ истифода бурда мешавад" [3, с.140].

Дар санъати тасвирӣ оғози истифодаи перспективаро ба давраи Эҳё мансуб медонанд. Рассом ва мутафаккири олмонӣ Албрехт Дюрер аввалин шуда зарурати истифодаи перспективаро дар тасвир асоснок ва дастгоҳашро ихтироъ кардааст [4, с.6].

Панҷум, супоришҳои барномаҳое, ки аз фанҳои сикли расмкашӣ ва асосҳои санъати тасвирӣ иборатанд, ҳамдигарро такрор намуда, хонандаро аз эҷодкорӣ дур мекунанд. Раванди таълими фанҳои умумикасбӣ дар тайёрии касбии муаллимониояндаи санъати тасвирӣ хусусиятҳои ба худ хос дошта, нисбат ба дигар фанҳо бештар ташаккули малакаю маҳоратҳои амалиро талаб мекунад.

Яке аз донишмандони тоҷик А.Р.Саидов дар китоби «Асосҳои ташаккули маданияти эстетикии омӯзгорони оянда» оид ба тарбияи зебоипарастии омӯзгорони оянда чунин қайд менамояд, ки «тарбияи зебоипарастии омӯзгорони оянда фарогири инкишофи зебоипарастӣ, яъне раванди муташаккили инкишофи қувваҳои табиатан хоси омӯзгорони оянда мебошад, ки барои дарки зебоипарастӣ, ҳисси зебоишиносӣ, тахайюлоти эҷодӣ, таассуроти эмотсионалӣ, тафаккури мантиқӣ ва талаботи руҳонии омӯзгорони оянда равона гардидаанд» [5, с.3].

Дар раванди тайёр кардани омӯзгорони санъати тасвирӣ аҳамияти фанҳои умумикасбӣ хеле калон буда, ташаккули дониш, малака ва маҳорат натиҷаи мушоҳидаҳои имрӯза нишон медиҳад, ки ба ин раванд танҳо аз як тараф, яъне дар таълими фанҳо дар ин блок барои аз худ кардани дониш аз нақшакашӣ бештар диққат дода мешавад. Аммо муаллимиояндаи санъати тасвирӣ бояд на танҳо мутахассиси соҳаи муҳандисӣ, балки мутахассисе бошад, ки ҳамчун педагог-психолог, эҷодкор-методист, рассом-омӯзгор маълумоти амиқ дошта бошад. Инчунин бояд гуфт, ки донишҷӯён танҳо пас аз гирифтани дониши назариявӣ бештар дар мактабҳои олӣ ва ба фаъолияти касбӣ шурӯъ намудан аз рӯи ихтисоси худ маҳорат ва малака пайдо мекунанд.

Маҳз ҳамин раванд барои мутобиқ шудан ба муҳити касбӣ вақти нисбатан тӯлониро талаб мекунад ва ӯро маҷбур месозад, ки таҷрибаи чандинсола андӯзад. Дар рафти машғулиятҳо масъалаҳои таъмини пайгирӣ ва муттасилӣ, ташаккул додани донишҳои нақшакашӣ, расмкашӣ-эҷодкорӣ ва педагогӣ дар донишҷӯён яке аз масъалаҳои зарур ва ҳалталаб аст. Ҷустуҷӯи роҳи ҳалли ин равиш истифодаи технологияҳои фардии омӯзишро тақозо мекунад.

Ҷорӣ намудани ташкили муносибатҳои эҷодии байни педагогон ва донишҷӯён, таълими ҳамкории байни талабагон, шаклҳои нави ташкилии ҷараёни таълим, монанди таълими коллективӣ, гурӯҳӣ, индивидуалӣ дар таълими фанҳои умумии касбӣ бо воситаи системаи таълими парадигмаи ба шахс равонакардашуда дар равияи санъати тасвирӣ аҳамияти зиёд касб менамояд. Ҳангоми ҷорӣ намудани унсурҳои чунин равиш ба раванди мукаммали таълим истифодаи технологияҳои таълими муштараку ҳамгиро ва технологияҳои таълими фосилавӣ мувофиқ аст.

Дар асарҳои рассом ва муаллими машҳури охири асри XX Б.Неменский фикрҳои хеле ҷолиб мавҷуданд. Неменский менависад: «Усули ассотсиатсияи васеъ, имкон ва зарурати эҷодкорӣ тафсири муҳтаво... бояд дар назар дорад, ки ҳама гуна тафсири дарки бадеии шахсиятро дар бар мегирад» [7, с.115].

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва педагогии омӯзгорони муосир дар низоми таҳсилоти олии педагогӣ тадқиқоти мақсаднок доир ба такмили мӯҳтавои тайёрии касбӣ, технология ва усулҳои таълим ба роҳ мондан зарур аст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз барои тайёр кардани рассом-педагогҳои баландихтисос дар таълими фанҳои касбӣ масъалаҳои зеринро ҳал кардан зарур аст.

-такмили минбаъдаи тайёрии касбии рассомон-муаллимони имрӯза, такмили маҳорати касбии онҳо оид ба санъати тасвирӣ (расмкашӣ, композитсия);

- барои донишҷӯён мутахассисони оянда донишҳои назариявӣ ва маҳорати амалии санъати тасвириро дар блоги илмҳои касбӣ: расмкашӣ, композитсия аз семестри дуюми бахши якум вобаста ба амалияи доимӣ дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мактабҳои маориф;

- ташаккул ва инкишоф додани маҳорати рассомии талабагон бо мақсади боз ҳам такмил додани мазмуни таълими амалӣ-эҷодии рассом-омӯзгорони оянда аз рӯйи расмкашӣ, композитсия дар таҷрибаомӯзии саҳроӣ;

- муайян намудани ҷанбаҳои дидактикии китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ-методӣ, ки ба сифатҳои маҳорати эҷодии донишҷӯён мувофиқат менамоянд. Дониш ва малакаҳои дар синфхона аз фанҳои касбии расмкашӣ, нвқшакашӣ, наққошӣ ва композитсия ҳосилнамударо дар системаи таълими касбӣ дар таҷрибаомӯзии таълимӣ татбиқ менамоянд. Бинобар таъкиди рассоми моҳири рус А.А.Пластов "Корбарӣ аз рӯйи этюдҳо мактаби олии инкишофи маҳорат аст" [6].

Имрӯз такмили тайёрии касбии рассомон-муаллимони оянда дар низоми таҳсилоти олӣ дониши баланди назариявӣ ва маҳорати амалии фанҳои касбӣ, аз ҷумла расмкашӣ ва композитсияро тақозо мекунад. Таърихи санъати тасвирӣ, методикаи таълими санъати тасвирӣ, ки фанҳои назариявӣ мебошанд, ба бахши фанҳои тахассусӣ дохил карда шудаанд ва захираҳои мукаммали электронии таълимӣ таҳия шудааст.

Ин ҷо аз рассоми машҳури англиси асри XVIII Ҷошуа Рейнолдс (1723—1792) иқтибос овардан бамаврид мебуд. Ӯ дар нутқи худ дар назди донишҷӯёни Академияи фанҳои шоҳӣ таъкид карда буд: «Муваффақияти фаъолияти бадеии шумо комилан ба кӯшишу ғайрати шумо вобаста аст, вале кӯшише, ки ман ба шумо тавсия медиҳам, кӯшиши ақл аст, на даст. Санъати мо атои илоҳӣ аст, аммо он ҳунари сирф механикӣ нест... Нодону ғафлатзадагон рассоми бузург шуда наметавонад» [8, с.155].

Воқеъан санъати тасвирӣ дар ҳама давру замон инъикоскунандаи фарҳанг ва маданияти мардум ба ҳисоб рафта, дар ҷамъият ва тарбияи эстетикии халқ нақши муҳимеро мебозад [9, с.184].

Азхудкунии ин фанҳо берун аз аудитория, дар шакли таълими мустақил ба нақша гирифта шуда, бояд ба ин паҳлӯи кор бештар аҳамияти ҷиддӣ дод. Унсурҳои ҳамкорию ҳамгироӣ дар лоиҳаҳои муштарак зоҳир мешавад. Ҳангоми татбиқи таълими инфиродӣ омӯзгор бояд супоришҳоро барои машқҳои амалӣ аз рӯйи се дараҷа таҳия намуда, онҳоро дар мундариҷаи захираҳои таълимии электронӣ ҷой диҳад. Донишҷӯён ҳангоми шиносоӣ бо мундариҷаи фан бо ёрии тестҳои махсус тарҳрезишуда сатҳи мувофиқи азхудкунии фанро интихоб мекунанд. Вазифаҳо ба дараҷаҳои баланд, миёна ва паст тақсим мешаванд.

Супоришҳои зинаи поён ҳаҷми ҳадди ақали донишеро дар бар мегиранд, ки тибқи стандарти давлатии таҳсилот бояд аз худ карда шаванд.

Хулоса, барои дар сатҳи талаботи ҷаҳонӣ ҳамчун кадрҳои рақобатпазир омода намудани омӯзгорон-рассомони оянда баланд бардоштани самаранокии таълими расмкашӣ, наққошӣ ва композитсия дар блоки фанҳои касбӣ дар барномаи таълимӣ ташкили эҷодиёти мустақилонаи донишҷӯён яке аз вазифаҳои муҳим мебошад, ки имрӯз ҳалли худро интизоранд.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсили донишҷӯён, яъне доштани устохонаҳои махсус, ки дар онҳо фанҳои касбӣ таълим дода мешаванд, раванди таълим аз рӯйи нақшаҳои кории инфиродӣ дар асоси шавқу рағбати онҳо ба ин ё он санъат, қобилият, шавқу ҳавас ва хусусиятҳои фардии онҳо, бо истифода аз технологияҳои инфиродии таълимӣ ба роҳ монда шавад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Алёхин, А.Д. Когда начинается художник. Кн. для учителя/А.Д.Алёхин—М.: Просвещение, 1993. —160 с.
2. Қодирова, М.В. Тавсияи методӣ оид ба дарсҳои амалӣ аз фанни "Услуби таълими санъати тасвирӣ"/М.В.Қодирова.-Хуҷанд: Нури маърифат.-2010.-20 с.
3. Мастера советского искусства о пейзаже. -М., 1963.-96 с.
4. Мирзабоев, З.З. Истифодаи усулҳои пешқадам дар тасвири нимпайкараҳои гаҷии даврони атиқа дар раванди таълим / З.З.Мирзабоев, Н.Б. Алимбоева// Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2021. - №2 (64).- С.184.
5. Неменский, Б. Мудрость красоты. О проблемах эстетического воспитания. Кн. для учителя. Изд., 2-е, перераб. и доп./Б.Неменский.-М.: Просвещение, 1997.- 255с.
6. Неменский, Б. Мудрость красоты. О проблемах эстетического воспитания. Кн. для учителя/Б.Неменский.–Москва: Просвещение, 1987. -255 с.

7. Олов, С. Геометрияи тасвирӣ/С.Олов, Ю.Юсупов, Ш.Тоирова.-Хуҷанд: Нури маърифат-2016. -174 с.
8. Подласый, И.П. Педагогика. Новый курс: Учебник для студ.пед.вузов: В 2 кн./И.П. Подласый.– М.: Гуманти.изд.центр ВЛАДОС, 1999. – Кн.2: Процесс воспитания. – 256 с.: ил.
9. Саидов, А.Р. Асосҳои ташаккули маданияти эстетики омӯзгорони оянда/А.Р.Саидов //-Душанбе – 2010.-64 с.
10. Сухомлинский, В.А. Этюды о коммунистическом воспитании \\ Народное образование /В.А.Сухамлинский// -1967.-154 с .
11. Холматов Ҷ.М. Дастури методӣ аз расмкашӣ/Ҷ.М.Холматов, А.Б.Исоев, Ҳ.А.Ҷалилова.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.-60 с.
12. Юсов, Б. П. Восприятие искусства и возрастные особенности школьников/ Б.П.Юсов//-М., 1973.- с.65-111.

## REFERENCES:

1. Alyokhin A.D. When the artist begins. Manual for teachers. — M.: Prosveshchenie, 1993. — 160 p.
2. Kadirova M.V. Methodical recommendation on practical lessons in the subject "Education style of visual arts". - Khujand: Nuri ma`rifat.-2010.-20 p.
3. Master of Soviet landscape art. - M., 1963, 96 p.
4. Mirzabaev,Z.Z.The use of advanced methods in the depiction of ancient plaster busts in the educational process/ Z.Z.Mirzaboev, N.B. Alimboeva// Scientific Notes. Humanities and Social Sciences Series. - 2021. - No. 2 (64). - P.184.
5. Nemensky B. Wisdom is beauty. Problems of aesthetic education. Manual for the teacher. 2nd edition, — M.: Prosveshchenie, 1997. — 255p.
6. Nemensky B. Wisdom is beauty. Problems of aesthetic education. Manual for the teacher. -Moscow: Prosveshchenie, 1987. -255 p.
7. Olov S, Yusupov Yu.,Toirova Sh.Deccriptive geometry.-Khujand:Light of knowledge-2016.-174 p.
8. Podlasy I.P. Pedagogy. New course: Textbook for students of pedagogical universities: In 2 books. -M.:Humanities. Publishing Center VLADOS, 1999. - Book 2: The process of education. - 256 p.
9. Saidov A.R. Basics of forming the aesthetic culture of future teachers [Text]:/A.R.Saidov //.-Dushanbe - 2010, 64 p.
10. Sukhomlinsky V.A. Etudes on communist education\\Public education [Text]:/V.A. Sukhamlinsky//: -1967.- 154 p.
11. J.M. Kholmatov, A.B. Isoev, H.A. Jalilova. Methodical guide to drawing. -Khujand: Nuri ma`rifat, 2018.-60 p.
12. Yusov, B. P. Perception of art and age characteristics of schoolchildren [Text]:/B.P.Yusov //: -M., 1973, P.65-111.